Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 89 (4509) | ПАНҶШАНБЕ, 21 ИЮЛИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО



**Нуздаҳуми июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонун имзо гузоштанд, ки қонунҳо «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ», «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» ва «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ба густариши раванди таҳия, тасдиқ ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва рушди соҳаҳои муҳими ҳаёти кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ» ба таъмини аҳолӣ бо моҳӣ, ҳифзи захираҳои он, рушди соҳибкории соҳа ва бунёди ҷойҳои нави кор нигаронида шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» масъалаҳои коркард, муомилот, назорати сифати дору ва роҳҳои таъмини аҳолиро бо дору ва дигар молҳои тиббӣ танзим менамояд.

Дар маҷмӯъ, қонунҳои қабулгардида ба пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, бунёди ҷойҳои нави кор ва беҳдошти зиндагии аҳолӣ равона шудаанд.

**www.president.tj**

## НИШОНИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ТАСДИҚ ГАРДИД

**Бо мақсади тақвияти фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаррифии он дар дохил ва хориҷи кишвар дар асоси қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022 таҳти №283 Нишони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.**

Нишони мазкур муаррификунандаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар ба ҳисоб рафта, хусусиятҳои фаъолият ва мақсаду мароми онро ифода менамояд.

Нишони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даврашакл буда, ранги хокистарӣ дорад ва дар дохили давра сутуни заррин ҷойгир шуда, дар он Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфтааст. Дар болои сутун ҳамчун рамзи адолат тарозуи дупалладори заррин ва болотар аз он устувонаи Куруши Кабир чун рамзи аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар ва қадимӣ будани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ниёгон ҷой гирифтааст. Дар атрофи сутун шохаҳои дарахти ғор ҳамчун рамзи пойдории қонуният бо ранги зарҳалӣ тасвир ёфтаанд. Даври нишон бо хати кабуди баланд зинат дода шуда, бо ранги сафед дар қисмати болоии он «МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ва дар поёни он «МАҶЛИСИ МИЛЛӢ» навишта шуда, бо ду сенуқта аз ҳам ҷудо гаштаанд.




Тибқи Низомнома дар бораи Нишони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишони расмӣ буда, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доштани онро ифода мекунад ва аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Нишони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё тасвири он дар воситаҳои нақлиёти хизматӣ, либоси хизматӣ, нишони хизматию сарисинагӣ, ашёи номӣ, таҷҳизоту ҳуҷҷатҳои хизматӣ, муҳрҳо (ба ғайр аз муҳри асосӣ бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон), инчунин дар биною иншооти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир ва насб карда мешавад.

**www.majmilli.tj**

## МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ. ЗАРУРАТ ВА МАШРУИЯТИ ОН

**Яке аз аввалин тафсирҳо дар бораи моҳияти терроризм дар «Конвенсия роҷеъ ба пешгирӣ ва саркӯбии терроризм» 16 ноябри соли 1938 дар Женева қабул шуд, ки чунин мазмунро фарогир аст: «Истилоҳи иқдомоти террористӣ моҳиятан иборатанд аз иқдомоти ҷиноятие, ки тавассути ашхос ва бо бакоргирии равишҳои ваҳшатзо бар зидди давлат ва ё шахсиятҳои хос ё умумии мардум созмон ёфтаю анҷом меёбанд».**




Ба ин мазмун истифода аз усули хушунат ва таҳдид барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ва мазҳабӣ - терроризм таъбир мешавад, ки дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои ваҳшатафканӣ ва ҳаросафканӣ мафҳуми ягона дорад. Таҷриба нишон додааст, ки терроризм асоси равиши таҳмили ақида ба атрофиёнро сирфан бо зӯроварӣ, террор, ҷанг, амалҳои хушунатомезу ваҳшатафканӣ, ошӯбофаринӣ, амалиётҳои чирикӣ (партизанӣ), куштори ҷамъӣ, наслкушӣ, гаравгонгирӣ, шиканҷа ва табаддулот медонад. Гурӯҳҳо, иттиҳодияҳо, ҷамъиятҳо ва ҳизбҳое, ки усулҳои дар боло зикршударо ҷиҳати расидан ба ҳадаф ва ормонҳояшон пазируфта бошанд, террорист номида мешаванд.

Дар гузаштаи дур айёрон ва дигар гурӯҳҳои ҳамназари онҳо, тибқи оини хеш, ба ситамгаркушӣ машруият (легитимност) мебахшиданд, вале он дар чаҳорчӯбаи ваҳшатафканӣ анҷом меёфт, ки ба таъбири ҳозира террор номида мешавад. Миёни мафҳуми террор ва терроризм тафовут вуҷуд дорад. Терроризм раванд ва равиши хоси зиндагист ва террор як рӯйдод аст. Қотили сиёсӣ шахсеро нобуд мекунад, ки ба ақидаи ӯ бадбахтиҳои ҷомеа аз ӯ маншаъ мегиранд, аммо терроризм низоми сиёсиро ҳадаф қарор медиҳад. Ошкортарин тафовути террор аз терроризм дар он аст, ки дар террор ҳадафи қотили сиёсӣ як шахсияти муайян аст, аммо ҳадафи терроризм иқдоми гурӯҳист. Илова ба ин, истилоҳи терроризми давлатӣ низ вуҷуд дорад, ки он барои дахолати давлат ё давлатҳое, ки дар корҳои дохилӣ ва хориҷии давлати дигар ба василаи ширкат дар амалиёти террористӣ ё ҳимоя аз амалиёти низомӣ барои заиф гардонидан ва заволу барандохтани давлате ба кор бурда мешавад. Кумакҳои моддӣ ва маънавӣ (мисли ҳимояи сиёсӣ) ба гурӯҳҳо ва ҳизбҳое, ки дар амалиётҳое мисли минагузорӣ дар биноҳои маъмурӣ ва истиқоматӣ, одамрабоӣ ва террори мақомҳои олии ин ё он мамлакат ширкат мекунанд ва сабаби бесуботии сиёсӣ ва иқтисодии он мегарданд, намунаҳое аз терроризми давлатист.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## НБО-и «РОҒУН» - ТАҲРИКБАХШИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ СИЁСИИ МИНТАҚА

**12 июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати шиносоӣ аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» ташриф оварда, аз масъулин ва кормандони муҳандисию техникии иншоот риояи пурраи талаботи соҳаро дар вақти сохтмон ва васлу насби дастгоҳу таҷҳизот талаб намуда, заҳмату талоши шабонарӯзии онҳоро ҷиҳати саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафи стратегии мамлакат - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ қобили таҳсин хонданд.**



Бегуфтугӯ, бунёди НБО-и «Роғун» бо номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам аст. Баъд аз мавриди истифода қарор гирифтанаш он метавонад то 3600 МВт неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар истеҳсол кунад. Ин барои минтақае, ки ба неруи барқ ниёзи шадид дорад, имкони беҳтарини таъмини рушди ҳама соҳа мебошад.

Аз ин хотир, коршиносони байналмилалӣ бо сароҳат чунин иброз доштаанд: «Лоиҳаи НБО-и «Роғун» сазовори «чароғи сабз», яъне, татбиқи муваффақона мебошад». Яке аз шореҳони машҳури ИМА дар бахши иқтисод Хиллари Креймер бо нашри матлаби таҳлилӣ дар маҷаллаи бонуфузи «Forbes» татбиқи лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро аз ҷумлаи тадбирандешиҳои муҳим ва саривақтӣ дар самти мубориза бар зидди терроризм номид.

Ба қавли номбурда, ин лоиҳа «калиди пешрафти иқтисодию сиёсии минтақа маҳсуб меёбад». Ба андешаи Хиллари Креймер, «ин калид дар дасти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки айни замон баҳри раҳоӣ аз буҳрони энергетикӣ талош дорад ин неругоҳро бунёд намояд». Ӯ, ҳамчунин, зикр карда буд, ки расидан ба ин ҳадафҳо бидуни манбаъҳои арзон ва безарари энергетикӣ ғайриимкон аст.

Ба андешаи ӯ, «аз хурдтарин тиҷорати оилавӣ то бузургтарин корпоратсияҳои байналмилалӣ ва кулли таҷҳизоту технологияи муосир бидуни истифодаи неруи барқ фаъолияти муназзаму самаранок карда наметавонанд». Ба ифодаи дигар, дар шароити кунунӣ неруи барқ дар пешрафти ҷомеа «шабеҳи хун дар бадани инсон аст».

Номбурда саҳми Неругоҳи барқи обии «Роғун» - ро дар рушди минтақаи Осиёи Марказӣ ба дил ташбеҳ дода, чунин навиштааст: «Бо мавриди истифода қарор гирифтанаш ин неругоҳ на танҳо Тоҷикистони ба неруи барқ сахт эҳтиёҷмандро, балки дигар кишварҳои минтақаро низ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва баъзе минтақаҳои ҷумҳуриҳои Қирғизистону Ӯзбекистонро бо неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ безарар таъмин менамояд».

Ба ақидаи Хиллари Креймер, роҳбарони давлатҳои минтақа, ки дар заминаи таҳлили амиқу доманадор моҳият ва манфиати бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро дарк кардаанд, ҷонибдориашонро аз бунёди он бо шаклҳои гуногун изҳор доштаанд.

Ёдовар мешавем, ки лоиҳаи НБО-и «Роғун» ҳанӯз дар замони давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия шудааст. Агар тасмими Пешвои миллат оид ба бунёди иншооти барои кишвар тақдирсоз ва роҳи паймударо дар ин масир амиқ таҳлил намоем, муътақид хоҳем шуд, ки иқдоми мазкур далели он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дурустии бунёди неругоҳ комилан дилпур мебошад.

Дар ин раванд Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз доштанд, ки бо назардошти манфиатҳои умумиминтақавӣ, мо хоҳони роҳандозии муносибатҳои барои тарафайн судманд бо ҳамсояҳо дар ин масъала ҳастем. Дар робита ба масъалаи об Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои охир, борҳо, аз ҷумла, аз минбари иҷлосияҳои 63-юм ва 64-уми Маҷмаи умумии СММ, Саммити Копенгаген оид ба тағйирёбии иқлим ва дигар анҷуманҳои байналмилалӣ изҳори ақида карданд.

Инсондӯстӣ ва ҳусни таваҷҷуҳ ба анъанаҳои ҳамсоядорӣ аз ҷониби Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ҳаддест, ки панҷ сол пеш, зимни ирсоли Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд: «Мо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамсояҳои худро бе об нахоҳем гузошт». Корҳои дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин замон амалигардида аз воқеияти суханони Пешвои миллат дарак медиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибрози нияти холис зиёда аз 11 сол пеш ба Бонки ҷаҳонӣ, ки сохтори соҳибваколати Созмони Милали Муттаҳид аст, дар бораи гузаронидани ташхиси техникиву иқтисодии лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» муроҷиат карда буд. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳама кишвари минтақа муроҷиат ва ба таври расмӣ пешниҳод намуда буд, ки ба Консорсиуми байналмилалӣ оид ба сохтмони ин иншоот ҳамроҳ шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро масъалаи ҳаёту мамоти мамлакат арзёбӣ кардаанд. Дар заминаи талошҳои Пешвои миллат ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорро доир ба эҳёи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо назардошти масъалаҳои зерин қабул кардааст: бинобар зарурати ҳаётии ба таври муътадил таъмин намудани аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар бо барқ, ки дар давраи тирамоҳу зимистон дар тӯли даҳсолаи охир ба камбуди шадиди он дучор мегардад ва аз ҳисоби воридот бартараф кардани он бо сабаби мунтазам эҷод шудани монеаҳои сунъӣ ғайриимкон гардидааст, бинобар вуҷуд надоштани захираҳои нефту газ, инчунин имкон надоштани интиқоли қувваи барқ аз дигар кишварҳо, бунёди неругоҳ, ки қисмате аз он ҳанӯз дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шудааст, роҳи ягонаи ҳалли мушкилоти мавҷуда маҳсуб меёбад. Қобили зикр аст, ки лоиҳа ҳам дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳам солҳои охир борҳо мавриди ташхиси давлатӣ, инчунин ташхиси мустақил, қарор гирифтааст (ташхиси охирин аз ҷониби ширкати «Lahmeyer»-и Германия соли 2006 гузаронда шудааст), ки хулосаҳои онҳо зарурати иқтисодӣ ва амнияти экологии иншоотро тасдиқ намудаанд.

Таҳқиқоти мазкур, ки аз ҷониби олимони немис бо фармоиши ҶСШК «Гидропроект»-и шаҳри Тошканд гузаронида шудааст, устувории сарбанди бо сангу шағал ва бо меҳвари сафедхок сохташавандаро ҳамчун иншооти аз ҳама эътимоднoктарин ва дарозумр, камхавфтарин ва барои шароити маҳал муносибтарин собит намуданд. Инро истифодаи қариб 45-солаи муваффақи сарбанди Неругоҳи барқи обии «Норак», ки дар масофаи начандон дур аз НБО-и «Роғун» ҷойгир аст, собит месозад.

Ёдовар мешавем, ки моҳи октябри соли 2009 Комиссияи байналмилалӣ оид ба сарбандҳои бузург ба сарбанди 300-метраи Неругоҳи барқи обии «Норак» нишони махсус ва сертификати сифатро ҳамчун «дастоварди олии афкори муҳандисӣ» сазовор дониста буд. Навсозии иншооти мазкур имкон медиҳад, ки фаъолияти самарабахши он бароиояндаи дарозмуддат таъмин карда шавад.

Табиист, ки ин таҷрибаи нодир бо истифодаи технологияҳои нав дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» низ истифода хоҳад шуд, ки лоиҳаи сарбанди он барои минтақаи сохтмони эҳтимоли заминҷунбиаш на зиёда аз 9 балл мувофиқ гардонида шудааст. Бояд зикр кард, ки дар тӯли таърих дар қаламрави Тоҷикистон заминларзаи 10-балла ва дар маҳали сохтмони неругоҳ заминларзаи зиёда аз 6 балл ба қайд гирифта нашудааст.

Вобаста ба тавозуни об бояд зикр намуд, ки тибқи хулосаи асосноки мутахассисон, оби дарёи Вахш, ки неругоҳ дар он сохта мешавад, 28,6 фоизи маҷрои миёнаи солонаи Амударёро ташкил медиҳад ва пур кардани обанбори Роғун аз ҳисоби лимити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15 сол сурат хоҳад гирифт. Идоракунии низоми маҷрои Вахш дар доираи механизмҳои мавҷудаи умумиминтақавӣ амалӣ хоҳад гашт.

Гузашта аз ин, бо ибрози ҳусни нияти ҳамсоягии нек, якчанд сол пеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи истифодаи кӯли Сарез барои таъмини доимии аҳолии минтақа бо оби тозатарини нӯшокӣ пешниҳод карда буданд. Овардани ин ҳама далелу рақамҳо ба он хотир аст, ки масъалаҳои экологӣ, тавозуни об ва таҳдидҳои эҳтимолии фоҷиаи техногенӣ зимни бунёди иншооти барои давлати мо муҳиму сарнавиштсоз - Неругоҳи барқи обии «Роғун» пурра ба назар гирифта шудаанд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Пешниҳод

# ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ СОҲИБКОРӢ НОГУЗИР АСТ

**Маълум аст, ки ҳоло доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагии халқи мамлакат марҳила ба марҳила заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки онҳо ба танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ равона гардидаанд.**

Дар ин замина, яке аз масъалаҳои муҳим дар назди давлат ва ҷомеа ба талаботи замони муосир мутобиқ ва ҷавобгӯ намудани муқаррароти қонунгузорӣ мебошад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ», ки аз қабули он бисту чор сол пур шудааст, дар таҳрири нав, бо назардошти таҷрибаи ҳосилшудаи давлатӣ вобаста ба хусусигардонии моликияти давлатӣ қабул шавад. Зарурати дигари дар таҳрири нав қабул намудани қонуни мазкур риоя намудани техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки дар муқаррароти он ҳоло ин масъала тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 пурра ва ҳаматарафа риоя нагардидааст. Ба таври пурра риоя нагардидани техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ низ дар муқаррароти қонунгузорӣ айни замон яке аз мушкилоти асосӣ мебошад. Мувофиқи қисми 1 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода шавад ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» моддаи алоҳида таҳти унвони «Мафҳумҳои асосӣ», ки дар қонуни мазкур истифода шудаанд, мавҷуд нест. Бояд ҳамчун дигар қонунҳо чунин модда оварда шавад ва дар он мафҳумҳои расмии «моликияти давлатӣ», «хусусигардонии моликияти давлатӣ», «мақсади хусусигардонии моликияти давлатӣ», «музояда», «озмун (тендер)» ва умуман мафҳумҳои калидии қонуни зикршуда муқаррар шаванд. Зарур аст, ки нисбат ба ҳолати ҳуқуқии харидорони моликияти давлатӣ ҳамчун субъекти хусусигардонии моликияти давлатӣ ва нисбат ба ҳолати ҳуқуқии фурӯшандагони моликияти давлатӣ ҳамчун субъекти хусусигардонии моликияти давлатӣ моддаҳои алоҳида, ки ҳоло мавҷуд нестанд, ҷудо шавад. Таҳлили адабиёти таълимӣ собит менамояд, ки хусусигардонии моликияти давлатӣ аз марҳилаҳои муайян иборат аст, вале ин марҳилаҳо дар қонун мушаххас нашудааст, ки дар муқаррароти қонун холигиро ба миён овардааст. Масъалаи дигари ташвишовар ва баҳсталаб дар самти хусусигардонии моликияти давлатӣ, ки ҳалли сариваҳтиро мехоҳад, тибқи таъинот аз ҷониби харидорони он соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти давлатӣ пас аз хусусигардонӣ аст, чунки таҷриба собит менамояд, ки на ҳама моликияти давлатии хусусигардонидашуда аз ҷониби харидорони он мувофиқи мақсад соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ замони коркарди механизми мувофиқи мақсад соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани моликияти давлатӣ фаро расидааст. Дар ин зимн, ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ барои тибқи талаботи қонунгузорӣ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ накардани моликияти давлатии хусусигардонидашуда нисбат ба харидорони моликияти давлатӣ пурзӯртар гардад.

Моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» «Ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хусусигардонӣ» номгузорӣ гардида бошад ҳам, дар матни он нисбат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «дар ҳудуди салоҳияти худ» муқаррар шудааст, ки номувофиқатии номи модда ба матни он дар мисоли калимаҳои «ваколат» ва «салоҳият» ба назар мерасад. Таҳлили қонунгузории ҷорӣ нишон медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дорои салоҳият аст. Ваколат бошад, ба мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хос аст. Зарур аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» нахуст дар моддаи алоҳида салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сипас дар моддаи алоҳида ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хусусигардонии моликияти давлатӣ, ки то ҳол дар қонун мавҷуд нест, пешбинӣ гардад.

Инчунин, зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ», ки аз қабули он аллакай 30 сол пур шудааст, ҳар чӣ зудтар дар таҳрири нав, бо назардошти таҷрибаи ҳосилшудаи муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба биржа, қабул шавад.

Зарурати дигари дар таҳрири нав омода намудани он риоя намудани техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Мисоли равшан то ба ҳол ба моддаҳо, ки мувофиқи қисми 8 моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» яке аз қисмҳои ҳатмии таркибии санади қонунгузорӣ мебошад, ҷудо нагардидани қонуни мазкур аст.

Инчунин, зарур аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ» моддаи алоҳида, ки то ҳол чунин модда дар муқаррароти он мавҷуд нест, таҳти унвони «Мафҳумҳои асосӣ, ки дар қонуни мавриди назар истифода шудаанд» чун дигар қонунҳо оварда шавад ва дар он мафҳумҳои муҳим ва асосии муносибатҳои ҳуқуқии биржа муқаррар гардад. Масъалаи дигари такмилталаб дар қонун истифода намудани калимаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар муқаррароти он мебошад. Мувофиқи моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул карда мешавад. Он бояд ба риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ» калимаҳои «подразделенияҳои», «муоҳидаҳои типпӣ», «секцияҳои» ва «аппарати» истифода гардидаанд, ки онҳоро мутаносибан ба калимаҳои «зерсохторҳои», «муоҳидаҳои намунавӣ», «бахшҳои» ва «дастгоҳи» иваз намудан мувофиқи мақсад мебошад.

**Сиёвуш АБДУРАҲИМОВ, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**





# БАРРАСИИ МАСОИЛИ ОБ ЗИМНИ ҲАМОИШИ ИЛМИВУ АМАЛӢ

**Дар шароити муосир баробари дигар мушкилоти ҷаҳонӣ масоили марбут ба об ва экология, аз ҷумла дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва гармшавии иқлим, масъалаи ташвишовар гардида, ҷомеаи ҷаҳониро нигарон кардааст. Маҳз чунин вазъият боис шудааст, ки дар рӯзномаи муносибатҳои байналмилалӣ масъалаҳои вобаста ба об яке аз мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.**

Ин нукта 15 июли соли равон зимни конфронси илмиву амалии «Дипломатияи об ҳамчун ҷавҳари асосии пешбурди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ» дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид. Он бо мақсади натиҷагирӣ аз Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Такон бахшидан ба амалҳо ва шарикӣ дар соҳаи об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ», баррасии нақш ва ҷойгоҳи дипломатияи об дар пешбурди сиёсати хориҷӣ, коркарди пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати омодагӣ ба Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2023 ва таҳкими ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф ва ҳалли мушкилоти мавҷуда баргузор шуд.

Ҳамоишро директори Маркази тадқиқоти стратегӣ Хайриддин Усмонзода ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «дипломатияи об» самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, пешбурд ва тақвияти он на танҳо ба манфиати давлати мо, балки ба манфиати тамоми башарият аст, чунки мушкилоти вобаста ба об рӯз то рӯз дар ҷаҳон афзоиш ёфта, давлатҳоро нигарон мекунад.

Сипас, олимону коршиносон дар мавзӯъҳои «Такон бахшидан ба амалҳо ва шарикӣ дар соҳаи об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ» қадами навбатӣ ба сӯи рушди устувор», «Ҳифзи пиряххо яке аз воситаҳои пешгирии мушкилоти вобаста ба об дар минтақа», «Нақши Тоҷикистон дар пешбурди масъалаҳои об дар сатҳи глобалӣ: аз Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» то Конфронси оби СММ дар соли 2023», «Ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун минбари ҳамкорӣ ва муколама дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор», «Татбиқи чорабиниҳо ва моҳияти ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии экологӣ дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баромад карда, аҳамияти чорабиниҳои муҳими кишвар вобаста ба обро дар беҳдошти аҳолӣ ва муҳити зист шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар кори конфронс намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, мутахассисон ва коршиносони соҳаи обу муҳити зист, таҳлилгарони масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва доираи васеи рӯзноманигорони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ.

## ЗАРУРАТ ВА МАШРУИЯТИ ОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тафовути терроризми давлатӣ аз терроризми ғайридавлатӣ дар иҷрокунандаи он аст. Тарроҳ ва иҷрокунандаи амалҳои террористии ғайридавлатӣ шахсиятҳои алоҳида, гурӯҳҳо ва ҳизбҳо ба шумор мераванд, аммо иҷрокунандаи амалҳои террористии давлатӣ як давлат ва ё чанд давлати хос ҳастанд. Илова бар ин, дахолати давлат ва ё давлатҳо дар амалҳои террористӣ ду хел мешаванд:

1. Ба сурати мустақим, яъне давлат амали террористиро ба муқобили давлати дигар ошкоро анҷом медиҳад.

2. Ба сурати ғайримустақим, яъне ба василаи фиристодани кумакҳои моддӣ, монанди аслиҳа, муҳимот ва василаҳои пешрафтаи низомӣ дар ихтиёри гурӯҳҳои даҳшатафкан ва мухолифи давлати мавриди ҳадаф қароргирифта мебошад ва гурӯҳҳои мухолиф ҳимояти сиёсӣ, иқтисодӣ ва таблиғотӣ мешаванд.

Хушунат аввалин вижагии гурӯҳҳои террористӣ ба шумор меравад. Расидан ба ҳадаф аз тариқи усули хушунатбор амали умумии ҳамаи гурӯҳҳоест, ки аз терроризм васила меҷӯянд.

Дар солҳои навадуми асри гузашта Тоҷикистон дар феҳристи кишварҳое буд, ки бештарин осебро аз терроризм дидаанд. Бо истифода аз вазъи нооромӣ сиёсӣ ва аз ҳам пошидани низоми марказии идории давлатӣ дар кишвар терроризм маҷоли амал пайдо карда, гурӯҳҳои ифротгарои террористӣ дар шиддат бахшидани буҳрони сиёсӣ, ки ҳадафи асосиашон буд, нақши калидӣ бозиданд. Он гурӯҳҳо бо зӯру хушунат хостанд андешаву афкори ақибмонда ва ифротии худро ба ҷомеа таҳмил намоянд. Аммо, хушбахтона, онҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон натавонистанд ҷойгоҳ пайдо кунанд ва неруҳои созандаву пешрафтаи Тоҷикистон бо ҳидоятҳои некбинона ва дурандешонаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, ба фаъолияти ошкорои онҳо хотима бахшиданд. Мутаассифона, онҳо аз ҳадафҳои шумашон даст накашидаанд.

Ҳоло терроризм яке аз омилҳои аслии таҳдиди ҳар давлат ва ҳар ҷомеа ба шумор меравад. Терроризм ояндаи ҳар ҷомеаро парешон гардонида, навид ба фардоро нобуд месозад. Мисоли равшани онро дар харобию вайронӣ ва қатлу парешонии мардуми бегуноҳ тавассути гурӯҳи террористии ДИИШ дар Ироқу Сурия ва Афғонистон мебинем, ки танҳо бо кумаки байналмилалӣ ин ду давлат аз чанголи маргбори онҳо раҳоӣ ёфтанд.

Ҳарчанд терроризм реша дар таърихи сиёсӣ ва низомии ҷаҳон дорад, аммо дар чанд даҳаи охир мафҳуми терроризм ба шакли барҷаста матраҳ гардидааст. Имрӯз мафҳуми терроризм дар соҳаҳои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ошкоро дида мешавад. Зуҳури гурӯҳи «Толибон» дар Афғонистон ва амалҳои ҷиноятдоронаи онҳо мисоли равшани терроризми сиёсӣ ва фарҳангист, ки бо рӯйкардҳои хушунатбори террористӣ дар минтақа ва идеологияи ситезаҷӯёнаи онҳо, ки ранги мазҳабӣ ба худ гирифтааст, мафҳуми терроризмро беш аз ҳама барҷаста сохтааст. Дар шумори амалҳои терроризми сиёсӣ ва фарҳангии «Толибон» бо усули асримиёнагӣ ва ғайрибашарӣ ба дор задани Президенти собиқи Афғонистон Наҷибуллоҳ ва инфиҷори бутҳои 53 ва 35 - метрии вилояти Бомиёни Афғонистонро метавон мисол овард. 26 сентябри соли 1996 гурӯҳи «Толибон» вориди Кобул шуданд ва дар нахустин иқдомашон Раиси ҷумҳури пешини Афғонистон Наҷибуллоҳ ва бародараш Шопур Аҳмадзайро, ки дар дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Кобул паноҳанда шуда буданд, ба дор овехтанд. Бо вуҷуди талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва рӯҳонияти кишварҳои исломӣ дар ҷилавгирӣ аз хароб кардани бутҳои Бомиён - ёдгориҳои нодири таърихӣ, ки солҳои 300 то 700 мелодӣ бо сабки хоси тарошидани кӯҳ сохта шуда буданд, 11 марти соли 2001 онҳо бо фатвои роҳбари пешини «Толибон» Мулло Муҳаммад Умар тарконида шуданд. Ин фоҷиаи фарҳангӣ Афғонистонро аз ёдгориҳои арзишманди таърихӣ маҳрум сохт. Амалҳои террористӣ дар қаламрави Афғонистон аз ҷониби гурӯҳи «Толибон» то ҳанӯз идома доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон беш аз 1400 км марзи муштарак дорад. Воқеаҳое, ки ҳоло дар Афғонистон, бахусус, дар вилоятҳои шимолӣ ва ҳаммарз бо Тоҷикистон рух медиҳанд ва «Толибон» барои ба даст овардани онҳо амалиётҳои низомӣ мебаранд, боиси нигаронист, зеро, бино ба ахбори расонаҳо, дар ин амалиётҳои низомии «Толибон» ба онҳо гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна кумак мерасонанд. Ин амалҳо, агар идомаи бештар пайдо кунанд, хатарро на танҳо барои осоиши ҳамсоякишварҳои Афғонистон, балки сулҳро дар минтақа дар маърази хатар ва таҳдид қарор хоҳанд дод.

Вуҷуди манбаъҳои молиявӣ аз пояҳои асосии вуқӯи терроризм буда, дар таъсис ва фаъолияти созмонҳои террористӣ дар дунёи муосир нақши асосӣ доранд. Маводи мухаддир ва гардиши ғайриқонунии он, ҳамчунин, фурӯши ғайриқонунии силоҳ аз манбаъҳои асосии молиявии терроризм маҳсуб мешаванд. Яке аз роҳҳои таъмини амнияти ҳар кишвар пешгирӣ ва коҳиши терроризм, муборизаи оштинопазир бо ин раванди номатлуби ҷаҳон аст.

Яке аз воситаҳои таъсир ва «мағзшӯӣ»-и ҷавонон тавассути созмонҳои террористӣ ин телефонҳои ҳамроҳ мебошад. Телефонҳо аз тариқи интернет бо шабакаҳои иҷтимоии гуногун пайваст мебошанд, ки зери назар гирифтани ин шабакаҳо усулан имконнопазир аст. Бинобар ин, падару модарон ва аҳли ҷомеа ва атрофиён дар зимн бояд бетарафӣ нишон надиҳанд. Ба ҳангоми мушоҳидаи тағйири ҳолати рӯҳӣ ва равонии ҷавонон бояд падару модар ва атрофиён дар ҷилавгирӣ аз он ҳолатҳо талош намоянд.

Дар фарҳангҳо, динҳо ва омӯзаҳои ахлоқии миллатҳои дунё ҷое барои амалҳои ғайриинсонӣ, чун терроризм, вуҷуд надорад. Шаҳрвандони ҳар кишвар барои фаъолияти ваҳшатафканӣ ва ҳаросафканӣ, ки тору пуди терроризм аз он бофта шудааст ва мардумро дар осебу ранҷ қарор медиҳад, дар ҷомеа бояд роҳ надиҳанд. Бо масъулияти шаҳрвандӣ дар мубориза бо ҳама гуна амалҳои террористӣ устувор бояд буд, зеро расидан ба тавофуқи муассир дар ҷомеа дар мубориза бар зидди терроризм аз натиҷаҳои муҳими фаъолияти муштараки шаҳрвандон ва ниҳодҳои қудратии ҳар кишвар ба ҳисоб меравад.

**Абдураҳмон ХАЛИЛОВ, прокурори ноҳияи Сангвор, мушовири адлияи дараҷаи 1**

Сафарнома

# «КОРВОНИ ДӮСТӢ» БОИСИ ТАҲКИМИ РОБИТАҲО МЕГАРДАД

**Дар доираи сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки 2-3 июни соли равон сурат гирифт, дар қатори дигар масъалаҳои муҳим ба роҳ мондани ҳаракати қатораи хатсайри Душанбе - Тошканд низ баррасӣ гардид. Бинобар файсалаи роҳбарияти олии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, 20 июни соли равон пас аз 30 соли таваққуф ҳаракати қатораи хатсайри Душанбе - Тошканд - Душанбе дубора ба роҳ монда шуд. Ба ин муносибат вокзали шаҳри Душанбе қабои идона ба бар гирифт.**

Садои мусиқии дилангез қалбҳоро фараҳ бахшид. Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим Исроилов ва Дилбар Самирова низ ба мусофирон хизмат расониданд. Зимни суҳбат маълум шуд, ки собиқаи кории онҳо дар якҷоягӣ 50 солро ташкил медиҳад. Писарашон Акбар низ аз пайи волидайн рафта, роҳиоҳанчӣ мебошад.

«Корвони дӯстӣ» баъд аз каме таваққуф дар шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода соати $20^{55}$ ба гузаргоҳи сарҳадии «Қудуқли»-и Ҷумҳурии Ӯзбекистон расид. Сарҳадбонону гумрукчиёни ӯзбек мусофиронро бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ «хуш омадед» гуфта, расмиёти зарурироҳо иҷро ва ба шиносномаҳо муҳр заданд.

Пас аз анҷоми тафтишу ба ҷо овардани расмиёти гумрукӣ ва марзбонӣ, қатора ба роҳ баромад. «Корвони дӯстӣ» истгоҳҳои Сариосиё, Деҳнав, Шурчӣ, Қумқурғон, Бойсун, Акробод, Деҳқонобод, Клирма ва Тошгузарро гузашта, соати шашу даҳ иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсӣ ба ҳам мепайвастанд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки «Корвони дӯстӣ» пули мустаҳками дӯстӣ миёни халқҳои асрҳо бо ҳам бародар хоҳад гашт, - гуфт Абдусамад Муъминов.

Муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоиста Саидмуродзода аз иқдоми неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар бобати густариши робитаҳои дуҷониба изҳори сипос намуда, ин ҳодисаи фараҳбахшро ба ҳама муборакбод гуфт.

- Тоҷикистону Ӯзбекистон шарикони муҳими стратегӣ буда, мардуми ин ду ҷумҳурӣ аз қадим бо ҳам ёру бародар буданд. Боварӣ дорем, ки аз баракати сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти олии ҳар ду ҷумҳурии



мусофирони нахустинро ба муносибати ин рӯйдоди фараҳбахш муборакбод гуфта, онро барои сокинони ҳар ду кишвари ҳамсоя муҳим арзёбӣ намуд.

- Тоҷикону ӯзбекон аз азал дӯсту ҳамсоя буда, муштаракоти зиёд доранд. Ифтитоҳи ин хатсайр барои сокинони ҳар ду ҷумҳурӣ рӯйдоди бузурги таърихӣ мебошад, - гуфт Азим Иброҳим.

Сипас, қатора ба роҳ баромад. Дар ин хатсайр, ки «Корвони дӯстӣ» ном дошт, дар қатори дигар мусофирон собиқадорони меҳнат, фаъолони ҳизбию ҷамъиятӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма аз расонаҳои гуногун шомил буданд.

Азбаски аксар сокинони мамлакат пешакӣ аз ифтитоҳи хатсайри зикршуда огоҳ буданд, хурду калон дар ду тарафи роҳи оҳан саф кашида, ҷониби қатора дастафшонӣ карданд. Мо дар вагони якум ҷой гирифтем. Роҳбаладамон Аҳрорбек Бобоназаров буд. Ӯ дар ин соҳа собиқаи беш аз 30 - сола дошта, аз ифтитоҳи хатсайр хушнудӣ намуд.

- Вагонҳое, ки барои хатсайри Душанбе - Тошканд интихоб шуданд, истеҳсоли корхонаи вагонсозии Крюковскийи Украина буда, дорои кондитсионер, ҳавотозакунак, яхдон, радио, васлкунаки барқӣ барои нерудиҳии телефон, обҷӯшони барқӣ ва системаи гармидиҳӣ мебошанд. Як вагон барои 58 мусофир пешбинӣ шудааст. Қаблан онҳо дар хатсайри Душанбе - Москва хизмат мерасониданд. Баъд аз бемории COVID-19 ҳаракати қатора ба хатсайрҳои беруна қатъ шуд. Сипоси бепоён ба роҳбарони ҳар ду кишвари ҳамсоя, ки орзуи деринаи сокинони ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро амалӣ намуданд, - гуфт Аҳрорбек Бобоназаров.

Дар ҳар вагон 800 литр об захира гардида, дар шаҳрҳои калон зарфи обзахиракунӣ дубора пур карда мешавад. Барои мусофирон се вақт ғизо мепазанд. Оби ошомидании сард ва ҷӯшондашуда низ доимо дастрас аст. Дар намолавҳа истгоҳи навбатӣ ва вақти расидан ба он навишта мешавад, то мусофирон огоҳ бошанд.

Дар ин хатсайр роҳбаладони собиқадор, зану шавҳар Саидалӣ дақиқаи субҳи 21 – уми июн ба маркази маъмурии вилояти Қашқадарё – шаҳри Қаршӣ расид. Дар гузашта ин шаҳр Насаф ном дошта, зодгоҳи шоири маъруфи адабиёти классикии тоҷику форс Сайидои Насафӣ мебошад.

Яке аз ҳамсафаронамон, сокини шаҳри Душанбе Малоҳат Эшонқулова иброз намуд, ки қатораи хатсайри Душанбе - Тошканд махсусан барои пиронсолон, занони кӯдакдор ва беморон муфид аст.

Сокини деҳаи «Тиллои сафед»-и шаҳри Ваҳдат, собиқадори меҳнат Мирсодиқ Қодиров низ аз ифтитоҳи хатсайр изҳори хушӣ намуда, гуфт, ки ҳар сол ба аёдати хешовандонаш ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ меояд. Агар бо роҳи мошингард ба якчанд нақлиёт савор шудан лозим ояд, бо қатора ин ташвиш аз байн меравад.

Пас аз тай кардани 916 километр қатораи хатсайри Душанбе - Тошканд дар вақти муайяншуда (соати $13^{43}$) ба Вокзали марказии шаҳри Тошканд расид. Мусофирони нахустини «Корвони дӯстӣ» - ро мизбонон бо карнаю сурнай ва гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Дар маросими тантанавӣ бахшида ба омадани нахустин қатораи Душанбе - Тошканд муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдусамад Муъминов хизматҳои роҳбарияти олии ҳар ду кишвари ҳамсояро дар таҳкими робитаҳои дуҷониба таъкид намуд.

- Басо рамзист, ки бародарони тоҷикистонӣ қатораи нахустинро «Корвони дӯстӣ» ном ниҳоданд. Аз қадимулайём корвонҳо пули дӯстии халқу миллатҳо буданд. Онҳо мардуми кишварҳои гуногунро аз лиҳози ҳамсоя робитаҳои дуҷониба боз ҳам бештар густариш меёбанд, - таъкид кард Шоиста Саидмуродзода.

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода аз натиҷаҳои сафари расмии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки зимни он 15 созишномаю ёддошти тафоҳум ва харитаи роҳ ба имзо расид, ёдовар шуда, ифтитоҳи хатсайрро самараи мулоқоти роҳбарияти олии ҳар ду кишвари ҳамсоя арзёбӣ намуд.

- Умед аст, ки санадҳои зимни мулоқоти сарварони ҳар ду кишвар имзошуда амалӣ мегарданд ва робитаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҳама соҳа боз ҳам бештар густариш меёбанд, - гуфт Абдуҷаббор Раҳмонзода.

Дар маросими тантанавӣ, инчунин собиқадорони соҳаи роҳи оҳан Собирҷон Абдураҳимов аз Тоҷикистон ва Мунаввар Маллаева аз Ӯзбекистон сухан гуфта, таманно карданд, ки дӯстии мардуми тоҷику ӯзбек бардавом бошад.

Пас аз анҷоми маросими тантанавӣ мизбонон меҳмонони тоҷикистониро ба тамошои боғи «Ӯзбекистони нав» бурданд. Боғи мазкур бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон дар ноҳияи Қибрайи шаҳри Тошканд бунёд ёфтааст.

Масоҳати он 104 гектар мебошад. Дар маркази боғ маҷмааи «Истиқлолият» қомат афрохта, дар он таърихи гузаштаю ҳозираи Ӯзбекистон муҷассам аст. Ғайр аз дарахту буттаҳои ороишӣ ва гулгашту фаввораҳо, дар он ҷо амфитеатр бо панҷ ҳазор ҷои нишаст қомат афрохтааст. Дар роҳҳои дохилии он танҳо нақлиёти барқӣ, электросамокат, велосипедҳои дучархаю чорчарха (велорикши) ҳаракат мекунанд. Боғ шакли панҷкунҷа дошта, асоси онро дарахти муқтадир бо панҷ шоха ташкил медиҳад, ки он ифодакунандаи самтҳои стратегияи амал оид ба рушди Ӯзбекистон мебошад. Дар он 235 навъи дарахт шинонида шуда, теъдоди умумиашон ҳашт ҳазор бехро ташкил медиҳад. Як қисми ниҳолҳои дарахту буттаҳои ороиширо аз Италия ва Туркия овардаанд.

Дар болои маҷмааи «Истиқлолият», ки баландиаш 60 метрро ташкил медиҳад, мурғи ҳумо чун рамзи сулҳу шукуфоӣ ва озодӣ мунъакис шудааст. Бо фаро расидани торикӣ чароғҳои замини атрофи маҷмаа фурӯзон шуда, мурғи ҳумо то субҳ чун чароғи сурх медурахшад. Ҳар рӯз ба боғ шаш ҳазор меҳмони хориҷӣ ва сокинони шаҳр ташриф меоранд.

Даромад ба боғи «Ӯзбекистони нав» ройгон буда, оянда дар он ҳавзи дорои шаршара, майдонча барои кӯдакон, тарабхона ва минтақаи истироҳатӣ ба истифода дода хоҳад шуд.

Пас аз тамошои он ва қисмати маркази шаҳри Тошканд ба қатора баргаштем ва он тибқи нақша, соати $16^{15}$ ба ҳаракат даромад. Ин навбат дар вагони сеюм ҷой гирифтем, ки Ойбек Кенҷаев, Дилбар Аюбоваю Маҳина Сатторова роҳбаладони он буданд. Дар муддати кӯтоҳ роҳбаладон вагонро тозаю озода ва хушбӯю ороста карданд, ки таъби кас аз чунин хизматрасонӣ хуш мешавад.

Ин дафъа дар вагони мо панҷ нафар меҳмони фаронсавӣ буданд, ки ба шаҳри Самарқанд сафар доштанд. Онҳо аз он хушнуд буданд, ки боз як имкони хубу иловагии зудтар ба ин шаҳри бостонӣ рафтан фароҳам омад. Роҳбаладӣ вагон Ойбек Кенҷаев бо забони англисӣ ба меҳмонон дар бораи одоби будубош дар Самарқанд маълумот дод. Меҳмонон аз муносибати ин ҷавони дидадаро розӣ буданд.

Бо ҳар касе, ки мулоқот мекардем, аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарони ҳар ду кишвари ҳамсоя изҳори миннатдорӣ карда, хоҳони густариш ёфтани робитаҳо ва боз ҳам содаю осонтар шудани рафтуомад буданд. Дар вақти истодани қатора бинобар набудани барқ кондитсионерҳо кор намекунанд. Ин барои мусофирон боиси ноҳинҷорӣ мешавад. Агар чунин тафтишот дар қатораи равон бо навбат аз гузаргоҳи Қудуқли оғоз ёфта, дар истгоҳи навбатӣ анҷом ёбад, ин мушкилӣ аз байн меравад. Ё ин ки намояндагони гумруки Ӯзбекистон тибқи шартномаи ҳамкорӣ ба Тоҷикистон омада, аз оғози ҳаракати қатора бонавбат тафтишу расмиёти гумрукиро оғоз намоянд, шояд то ба гузаргоҳи Қудуқли расидан он ба анҷом расад. Дар гузаргоҳи сарҳадӣ дар муддати кӯтоҳ шиносномаҳоро муҳр зананду қатораро гусел намоянд.

Ба ҳар ҳол ифтитоҳи хатсайри деринтизор барои сокинони ҳар ду ҷумҳурии ҳамсоя фоли нек аст. Боварӣ дорам, ки оянда шумораи хатсайри қатораҳо боз ҳам зиёдтар шуда, рафтуомади мусофирон осон мешавад.

Поянда бод дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек!

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум». Душанбе - Тошканд - Душанбе**

# ВКД. АЗ 12482 ҶИНОЯТИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА 8316-ТОИ ОН ОШКОР КАРДА ШУД



**Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода 19 июли соли 2022 зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 12 ҳазору 482 ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1396 ҷиноят кам аст. Аз ин шумора мақомоти корҳои дохилӣ 8316 ҷиноятро ошкор намуданд.**

Дар давраи зикршуда ҷинояти одамкушӣ ва сӯиқасд ба он, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, таҷовуз ба номус, савдои одамон, роҳзанӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, авбошӣ, қаллобӣ, қочоқ ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва тамаъҷӯӣ зиёд ба қайд гирифта шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ 1447 ҷинояткори дар ҷустуҷӯ қарордошта муайян ва дастгир шуданд. Тибқи маълумоти расмии оморӣ, се ҳазор нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои террористиву экстремистӣ дар ҷустуҷӯи расмӣ қарор доранд.

Ҳамчунин, дар шаш моҳи аввали соли равон 44 нафар аъзои созмонҳои террористиву экстремистӣ, ки дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар Федератсияи Россия - 41 нафар, Мисри Араб -1, Ҷумҳурии Қазоқистон -1 ва Туркия 1 нафар қарор доштанд, дастгир ва ба Ватан баргардонида шуданд. Илова бар ин, сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ 109 нафар аъзои созмонҳои террористӣ ва экстремистиро дастгир карданд.

Тайи шаш моҳи аввали соли равон аз тарафи ҷавонон ё бо иштироки онҳо 1944 ҷиноят содир шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 874 ҷиноят кам мебошад.

Зимнан, бар асари 482 ҳодисаи роҳу нақлиёт 180 шаҳрванд ба ҳалокат расида, 509 нафар ҷароҳати гуногун бардоштанд. Аз 472 ҳодисаи нохуши сӯхтор ба моликияти давлатӣ ва шахсии шаҳрвандон ба маблағи 14 миллиону 394 ҳазор сомонӣ зарари моддӣ расидааст.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**




# РАҲИМ САИДЗОДА: «ЭҲТИЁҶОТ БА КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ РАФЪ МЕШАВАД»

**- Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ аз ҷумлаи масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон алоқамандии ногусастанӣ дорад, - изҳор дошт вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро зимни нишасти матбуотӣ, ки 19 июли соли 2022 доир ба натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бахшида шуд.**

Вобаста ба ин вазир дар ҷавоби саволи хабарнигор оид ба норасоии муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон, аз ҷумла, гуфт, ки барои соли таҳсили нав эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ ба 3406 нафар пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба як соли пеш 1240 нафар зиёд



мебошад.

Соли ҷорӣ гурӯҳҳои буҷетии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо равияи омӯзгорӣ 7153 нафар хатм намуданд, ки аз онҳо 748 нафарашон, тибқи Квотаи президентӣ таҳсил кардаанд. Бинобар ин, гумон мекунам, соли ҷорӣ эҳтиёҷот бо кадрҳои омӯзгорӣ пурра рафъ хоҳад шуд.

- Муассисаҳои таълимие, ки тибқи созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар панҷ шаҳри кишвар - Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Турсунзода бунёд шуда истодаанд, дар оғози соли нави таҳсил хонандагони аввалинашонро ба оғӯш хоҳанд гирифт. Ҳар ҳафта дар яке аз иншоотҳои бунёдшаванда ҷаласаи назоратӣ доир шуда, дар он аз тариқи онлайн масъулони бунёди чор муассисаи таълимии дигар иштирок менамоянд. Рафти корҳо таҳлил, вазифаҳо муайян мешаванд, - дилпур намуд хабарнигоронро вазир.

Талаботи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ барои давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 ба ангишт 55 ҳазору 648 тонна, ҳезум 51 ҳазору 242 метри мукааб ва сӯзишвории дизелӣ 123 ҳазору 267 литрро ташкил менамояд. Маблағ барои харидории маводи зикршуда асосан дар семоҳаи сеюм ва чорум пешбинӣ шудааст ва бовар дорем, ки муассисаҳои таълимӣ дар давраи тирамоҳу зимистон танқисӣ намекашанд.

Ҷалби сармояи хориҷӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 мебошад. Ҳамин гуна фаъолияти ҳадафманд буд, ки бори нахуст Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дар лоиҳаи нави маблағгузории Ташкилоти шарикии глобалии маориф (GPE) дар миёни 76 давлат ба ҳайси гирандаи грантҳои пилотӣ интихоб гардид ва нақшаи стратегии Тоҷикистон барои амалишавии Ҳадафҳои рушди устувори СММ аз нақшаҳои стратегии муваффақ дониста шуд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# АФЗОИШИ БЕСОБИҚАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ

**18 июли соли ҷорӣ Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотиро доир ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ баргузор намуд.**

- Дар давраи мавриди назар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 19,1 млрд. сомонӣ расонида шуд, ки суръати афзоиш нисбат ба соли сипаришуда 117,3 фоизро ташкил медиҳад, - гуфт вазири саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ Шералӣ Кабир.

Ӯ таъкид намуд, ки дар умум нишондоди шашмоҳаи аввали соли равон нисбат ба шашмоҳаи аввали соли сипаришуда 2,8 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Иттилоъ доданд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҳамин давра, бе назардошти соҳаҳои энергетика, об ва табъу нашр ба 15,6 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиш 126,3 фоиз баробар аст. Бо нархҳои муқоисавӣ бошад, ин нишондиҳанда ба 122,3 фоиз расидааст, ки он дар миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баландтарин ба ҳисоб меравад.

Зикр гардид, ки дар ин давра маҳсулоти саноатии



содиротшуда, маъданҳои тозакардашуда 190 ҳазор тонна, семент - 677, ангишт - 278,3, нахи пахта - 49,9, ресмони пахтагӣ - 6,9, пилла - 18,2, меваи хушк 18,6 ҳазор тонна, консерваи меваю сабзавот 1432 тонна ба ҳисоб мераванд.

Шералӣ Кабир ёдовар шуд, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ аз ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 57,2 фоиз ба саноати коркард, 18,4 - ба таъминоти неруи барқ, газ, буғ, тозакунии ҳаво, 24 - ба саноати истихроҷ ва 0,5 фоиз ба соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо рост меояд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ - САМТИ АФЗАЛИЯТНОК



**- Дар шаш моҳи аввали соли равон қисми даромади буҷети давлатӣ, бо назардошти маблағи барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҷалбшуда ва маблағҳои махсуси муассисаю ташкилоти буҷетӣ дар сатҳи 102 фоизи нақша таъмин гардида, ба он 15,1 миллиард сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои дохилӣ 7,3 миллиард сомонӣ, фаъолияти иқтисодии беруна 3,4 миллиард сомонӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 1,2 миллиард сомонӣ ворид гардид,- иброз дошт вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода 18 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Номбурда қисми хароҷоти буҷети давлатиро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, минҷумла гуфт, ки он дар доираи нақшаи пешбинигардида ва даромадҳои воқеии буҷет амалӣ карда шуда, дар ин давра ба соҳаҳои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 591,2 миллиард сомонӣ, маориф -2,8, тандурустӣ -1,1, ҳифзи иҷтимоӣ -1,9, комплекси сӯзишворию энергетикӣ 2,4 миллиард сомонӣ, фарҳангу варзиш 465,8 миллион сомонӣ, кишоварзӣ -361,4, саноату сохтмон- 100,7, нақлиёт ва коммуникатсия 925 миллион сомонӣ равона гардид.

Дар раванди саволу ҷавоб маълум шуд, ки бо мақсади таъмини уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла ба пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 3,4 миллиард сомонӣ, идрорпулӣ 59 миллион сомонӣ, нафақа 1,5 миллиард сомонӣ, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо дар ҳаҷми умумии 243 миллион сомонӣ пардохт шудааст.

Зикр шуд, ки маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок амалӣ гардида, дар давраи мавриди назар барои рушди ин соҳаҳо 6,2 миллиард сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 5,2 миллиард сомонӣ, маблағҳои махсус 728,9 миллион сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 316,0 миллион сомонӣ сарф шуд.

Иттилоъ гирифтем, ки дар ин давра аз ҷониби вазорат 107 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, тибқи тартиби роиҷ ба мақомоти дахлдор пешниҳод гардидааст.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# ТАВАРРУМИ СОЛОНА 8,3 ФОИЗРО ТАШКИЛ ДОД




**- Тайи нимсолаи аввали соли равон сатҳи таваррум дар мамлакат 4,1 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ (7,0 фоиз) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ (2,3 фоиз) ба амал омад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода.

Зикр гардид, ки таварруми солона дар моҳи июни соли ҷорӣ ба 8,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,7 банди фоизӣ кам мебошад. Вобаста ба буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ нишондиҳандаи мазкур нисбат ба дигар кишварҳо муътадилтар аст. Масалан, сатҳи таварруми солона дар Туркия 78,6 фоиз, Федератсияи Россия - 15,2, Қазоқистон - 15,5 ва Гурҷистон 15,8 фоизро ташкил дод.

- Яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ ва устувор намудани иқтидори содиротии кишвар ин маблағгузории қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар шаш моҳи аввали соли равон қарзҳои додашуда 6,5 миллиард сомониро ташкил дод, - илова намуд мавсуф.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 37,9 фоиз ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ба 2,5 миллиард сомонӣ баробар аст.

Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 4,7 миллиард сомонӣ ба қарзҳои хурд рост меоянд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,7 фоиз зиёд мебошад.

Тайи шаш моҳи аввали соли равон дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ, яъне кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ 14,3 миллион адад амалиёт ба маблағи 2,9 миллиард сомонӣ анҷом дода шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи шумора 31,2 фоиз ва аз лиҳози маблағ 96,9 фоиз зиёд аст.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# 4161 САНҶИШИ ПРОКУРАТУРАИ ГЕНЕРАЛӢ ВОБАСТА БА НАЗОРАТИ ИҶРОИ ҚОНУНҲО



**Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал - полковники адлия Юсуф Раҳмон 15 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар шаш моҳи аввали соли 2022 ба мақомот 20 ҳазору 834 муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардида, аз натиҷаи баррасии онҳо ҳуқуқу манфиатҳои 1732 шаҳрванд барқарор шудааст.**

- Дар маҷмӯъ мақомоти прокуратура вобаста ба назорати иҷрои қонунҳо 4161 санҷиш гузаронида, ҳуқуқу манфиатҳои 141 ҳазору 951 шаҳрвандро барқарор карда, ҷиҳати бартараф кардани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шароити ба онҳо мусоидаткунанда 62 ҳазору 176 санади эътиноӣ, аз ҷумла 12 ҳазору 747 амр, 5796 пешниҳод баровар-да, ба санадҳои ғайриқонунӣ 9292 эътироз оварда, 34 ҳазору 341 санади ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддию маъмурӣ қабул карданд, - афзуд прокурори генералӣ.

Ҳамчунин, қайд гардид, ки дар шаш моҳи соли ҷорӣ мақомоти прокуратура тафтиши 2468 парвандаи ҷиноятиро таъмин карда, аз онҳо 2320 ададро барои баррасӣ ба суд ирсол намудааст. Дар натиҷаи санҷишҳо 61, 7 млн. сомонӣ зарар, аз ҷумла 7,4 млн. сомонӣ ба манфиати давлат, рӯёндааст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# ХАДАМОТИ ГУМРУК. 78,9 ФОИЗИ МОЛИ ВОРИДШУДА АЗ ИМТИЁЗҲОИ ТАРИФИЮ АНДОЗӢ БАРХӮРДОР БУД



**Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукиро аз ҳисоби гардиши тиҷорати хориҷӣ ба андозаи 3 миллиарду 167 млн. 400 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби воридоти андоз аз арзиши иловашуда 2 миллиарду 401 млн. сомонӣ, боҷи гумрукӣ - 387,3, боҷи содиротӣ - 58,6, андози аксизӣ - 256,7 ва аз ҳисоби воридоти ғайриандозӣ 63,7 млн. сомонии пешбинигардида дар асл дар ҳаҷми 3 миллиарду 367 млн. 700 ҳазор сомонӣ иҷро намуд, ки ба 106,3 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар мебошад. Дар ин бобат сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 13 июли соли 2022 доир гардид, изҳор дошт.**

- Тибқи маълумоти фаврӣ аз раёсатҳои минтақавии гумрукӣ дастрасшуда, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ имтиёзҳои тарифию андозии дар шакли пурра ва қисман озодкардашуда 78,9 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод»-ро ташкил намуд. Яъне, дар ин давра аз ҳаҷми умумии воридоти молу воситаҳои нақлиёти дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод» воридшуда танҳо 21,1 фоизи он (467,9 миллион доллар) пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифта, арзиши гумрукии молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои тарифию андозӣ қисман татбиқ гардидаанд, 978,4 миллион доллар ё 44 фоиз ва арзиши гумрукии молҳои пурра аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор 776,6 миллион доллар ё 34,9 фоизро ташкил намуданд. Дар маҷмӯъ, арзиши гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёти ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, ки аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор гардидаанд, ба 1 млн. 755 ҳазор доллар баробар буда, пардохтҳои гумрукии озодкардашуда аз он ба ҳисоби миёна 2 миллиарду 894 млн. 300 ҳазор сомониро ташкил намуд, - илова кард Хуршед Каримзода.

Аз маълумоти пешниҳодкардаи сардори Хадамоти гумрук, ҳамчунин, муайян гардид, ки кормандони он дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 1161 ҳолати ҳуқуқвайронкунии гумрукиро ба қайд гирифтанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 202 ҳолат зиёд мебошад. Зиёд шудани ҳолатҳои ошкор гардидани қонуншиканиҳо, асосан ба тадбирҳои андешидаи мақомоти гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар самти мубориза бо ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ, пешгирӣ намудани воридоти қочоқи мол ва ташкили корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ алоқаманд аст.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# 1254 ҶИНОЯТИ КОРРУПСИОНӢ ВА ИҚТИСОДИИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА ОШКОР ГАРДИД



**- Воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ тайи шаш моҳи аввали соли 2022-юм 1254 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаро ошкор намуданд, ки 554 адади он ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин шомиланд, - иттилоъ дод директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Султонзода 18 июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Ӯ, ҳамчунин, афзуд, ки муфаттишони агентӣ 453 парвандаи ҷиноятиро бо назардошти бақия ба пешбурд қабул намуда, тафтиши пешакии 364 адади онро нисбат ба 452 нафар ба анҷом расонидаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки аз ҷониби воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ 1007 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти коррупсионидошта мавриди баррасӣ қарор дошта, нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ба маблағи 1,2 миллион сомонӣ ҷарима татбиқ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ мутахассисони самти назорати давлатии молиявии агентӣ дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидории давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронида, ба маблағи 104,8 млн. сомонӣ зарари молиявиро ошкор карданд, ки тавассути чораҳои андешидашуда аз ин маблағ 96,5 млн. сомонӣ ё 92,1 фоиз барқарор шудааст. Аз маблағҳои рӯёнидашуда 69,4 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ ва 27,1 млн. сомонӣ ба корхонаву муассисаҳо рост меояд.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# ҚАНОАТМАНДӢ АЗ МАҚОМИ 12-УМ МИЁНИ 30 МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ



**- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз бонуфузтарин муассисаҳои таълимии кишвар ба ҳисоб рафта, дар омода кардани кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ саҳми назаррас дорад. 30 марти соли ҷорӣ Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи 36 нишондиҳандаи таълимию илмӣ ва фаъолияти байналмилалӣ эълон намуд, ки дар он донишгоҳи зикршуда миёни 30 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо касби 150 хол дар мақоми 12 – ум қарор гирифт, - гуфт 18 июли соли 2022 зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ Раҳмон Дилшод.**

Фаъолияти таълимии донишгоҳ аз рӯи низоми кредитӣ ба роҳ монда шуда, дар зинаи бакалавр аз рӯи 60 ихтисос 10 ҳазору 273 донишҷӯ, магистратура аз рӯи 25 ихтисос 178 магистрант ва дар зинаи доктор Ph.D аз рӯи 21 ихтисос 68 докторант таҳсил мекунанд.

Гуфта шуд, ки дар ин давра 7 омӯзгори донишгоҳ рисолаи илмӣ ҳимоя карда, 4 омӯзгор иҷозат ба ҳимоя гирифта, як омӯзгор рисолаи докториашро тасдиқ намуд. Ҳоло 7 донишҷӯи донишгоҳ ба гирифтани стипендияи президентӣ, 8 донишҷӯ ба гирифтани стипендияи раиси вилоят, 1 нафар стипендияи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 омӯзгор бо гирифтани стипендияи раиси вилоят мушарраф гардиданд.

Дастоварди дигари илмии донишгоҳ ворид шудани Маҷаллаи илмии «Паём»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

**Дар нишасти матбуотии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, ки 15 июли соли 2022 баргузор шуд, моро, қабл аз ҳама, далели давоми як сол – аз моҳи июни соли 2021 то июни соли 2022 аз донишгоҳ хориҷ шудани 809 нафар донишҷӯй нигарон намуд. Бинобар ин, баъд аз он ки ректори донишгоҳи мазкур Хоҷазода Тоҳир Абдулло аз хусуси натиҷаҳои фаъолият дар нимсолаи якуми соли 2022 маълумот ироа намуда, вақти боқиро барои саволу ҷавоб вогузошт, аз ӯ хоҳиш кардам, ки масъалаи зикршударо шарҳ диҳад.**



# БА ДАРАҶАИ ЗАРУРӢ НАДОНИСТАНИ ЗАБОН ЯКЕ АЗ МУШКИЛИҲОИ АСОСӢ АСТ

- Аз 809 нафар донишҷӯе, ки тайи муддати як сол аз донишгоҳ хориҷ карда шудаанд, 160 нафар бинобар аз худ накардани маводи таълимӣ, ба дарс наомадан ва дар натиҷа, супорида натавонистани имтиҳонҳо аз сафи донишҷӯёни донишгоҳ берун афтоданд. Шумораи боқимондаи хориҷшудагон ё рухсатии академӣ гирифтанд ё аз шакли таҳсили рӯзона ба ғоибона, фосилавӣ гузаштанд ва ё аз ин донишгоҳ ба донишгоҳи дигар гузашта, таҳсилро дар он ҷо идома доданд.

Яке аз сабабҳои асосии ноком шудани донишҷӯёни донишгоҳ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи зарурӣ надонистани забони русӣ мебошад. Таҳсил дар донишгоҳ ба забони русӣ ҷараён мегирад ва лозим аст, онҳое, ки донишгоҳро барои таҳсил интихоб мекунанд, забони русиро хуб донанд, то ин ки дар ҷараёни таҳсил ба мушкилӣ дучор нашаванд, - гуфт дар посухи савол ректор ва илова кард:

- Соли аввали таҳсил барои дурусттар забони русиро ёд гирифтани донишҷӯён (ҳарчанд онҳо то оғози таҳсил дар ин ҷо бояд забони таҳсилро хуб аз бар карда бошанд), ду давра (ду семестр) вақт ҷудо кардаем, вале бо таҳлили вазъи азхудкунии дарсҳо онро то чор давра дароз намудем. Мутаассифона, як қисми донишҷӯён дар ин муддат низ забонро хуб аз бар карда наметавонанд ва дар натиҷа мо ба чунин далел рӯ ба рӯ мешавем.

Дар робита ба он ки аксари донишҷӯён аз минтақаҳои гуногуни кишваранд, тасмим гирифтем, ки дар як қатор шаҳру ноҳияҳо марказҳои омӯзишӣ таҳти унвони «Русский мир» ифтитоҳ намоем. Ҳоло ин гуна марказҳо дар шаҳрҳои Душанбею Бохтар, Хоруғ, Кӯлоб ва ноҳияи Рашт ташкил шуда, дар онҳо ба масъалаи дуруст омӯхтани забони русӣ таваҷҷуҳ зиёд аст. Муаллимони ин марказҳо аз донишгоҳ маош мегиранд. Мехоҳам зикр намоям, ки айни ҳол 40 нафар шунавандаи бо баҳои аъло дар ин марказҳо таҳсилкунанда дар истироҳатгоҳи «Эдем»-и мавзеи истироҳатии Қаратоғ ба истироҳат фаро гирифта шудаанд.

Дар робита ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ректор як қатор мисолҳо оварда, аз ҷумла изҳор дошт, ки соли гузашта ҳайати босалоҳияти донишгоҳ якчанд муддат дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият карда, дар ҳамон ҷо аз хоҳишмандону довталабон имтиҳон қабул ва комёбшудагонро ба шумули донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия дохил намуд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# ДДБ. ҚАДРДОНИИ ОМӮЗГОРОН БЕШТАР ШУДААСТ




**17 устоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мукофотҳои гуногуни давлатӣ сарфароз гардонида шуданд. Дар ин бора ректори он Сайфиддин Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 18 июли соли ҷорӣ баргузор гардид, маълумот дода, ҳамчунин гуфт:**

- Соли таҳсили 2021 - 2022-юм 28 омӯзгори донишгоҳ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намуда, он омӯзгороне, ки тасдиқи рисолаҳои докторию номзадиашонро гирифтанд, аз тарафи раёсати донишгоҳ ба маблағи 65 ҳазор сомонӣ ва роҳбарони илмии унвонҷӯён ба маблағи 24 ҳазор сомонӣ ҳавасманд гардонида шуданд.

Зикр гардид, ки дар раддабандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҷиҳати интихоби довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои панҷумро ишғол мекунад. Инчунин, тибқи таҳлилҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф мувофиқ ба раддабандии муассисаҳои олии касбӣ, донишгоҳ ба даҳгонаи беҳтарин дохил шуда, дар ҷои нуҳум қарор дорад.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410438 | Маҷмааи давлатиии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 05.08.2022 16:50:00 |
| 2 | 410439 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои конселярӣ ва типографӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 05.08.2022 16:50:00 |
| 3 | 410449 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Хизматрасонӣ барои азнавсозии модул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 08.08.2022 09:50:10 |
| 4 | 410442 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.08.2022 10:00:00 |
| 5 | 410448 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.08.2022 10:00:00 |
| 6 | 410450 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | Таъмири ҷории намои бинои Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2022 10:30:00 |
| 7 | 410451 | Раёсати маорифи ноҳияи Варзоб | Сохтмони таҳкурсии бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Қулпистаи (Чашмаи сада) ҷ/д ба номи С. Айнии ноҳияи Варзоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2022 11:30:00 |
| 8 | 410453 | Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи мусиқии №1 ба номи П. И. Чайковский» | Шинонидани тирезаҳои пластикӣ ва барқарорсозии ноқилҳои барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.08.2022 11:30:00 |
| 9 | 410455 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Лавозимот барои либоси соҳавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 08.08.2022 11:35:00 |
| 10 | 410456 | Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Компютерҳои фардӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 08.08.2022 11:55:52 |
| 11 | 410440 | Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 08.08.2022 13:00:00 |
| 12 | 410458 | Муассисаи давлатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии 64-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таҷҳизоти техникӣ, курсиҳо барои толори маҷлисгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 08.08.2022 14:01:32 |
| 13 | 410447 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Таҷҳизот барои ҳисоби тиҷоратии неруи барқи 35/10/6кВ барои эҳтиёҷоти ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 08.08.2022 15:00:00 |
| 14 | 410443 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Кӯлоб» | Сохтмони майдончаи варзишӣ дар МДТ «Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Кӯлоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 08:33:39 |
| 15 | 410444 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | Таъмири ҷории бомҳои бинои дур ва наздики Радиоминоии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 08:39:49 |
| 16 | 410445 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Сохтмон ва ороиши оромгоҳи Бегматов Мирзо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 09.08.2022 08:45:06 |
| 17 | 410452 | Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Барномаи зиддивирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 09.08.2022 10:35:00 |
| 18 | 410454 | МД «Боғи миллӣ»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Нуриҳои минералӣ, заҳрхимикат, молҳои хоҷагидорӣ, таҷҳизот ва лавозимоти боғдорӣ, либоси махсус ва пойафзоли корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 09.08.2022 11:30:00 |
| 19 | 410457 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дискҳои сахт, хотираи фаврӣ, картриҷҳо, тонерҳо, видеокартҳо, коннекторҳо, аккумуляторҳо, платаҳо, модемҳо ва коммутаторҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 09.08.2022 13:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннего развития детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком**

Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещении позиции:

**Переводчика**

Задача заключается в оказании поддержки ГРП Минфина в реализации проекта, в частности, в обеспечении качественного письменного и устного перевода на русский-английский-русский и таджикский-английский-таджикский.

**Требования в отношении квалификации и опыта работы:**

- ✓ Диплом о высшем образовании;
- ✓ Подтвержденные (тестом и собеседованием) хорошие навыки устного и письменного перевода на трех языках;
- ✓ Общий опыт работы письменным и устным переводчиком на три языка (русский-английский-русский и таджикский-английский-таджикский) не менее 5 лет;
- ✓ Опыт работы письменным/устным переводчиком в международных организациях и/или организациях, финансируемых международными донорами, не менее 3-х лет.

**Хорошие навыки работы с компьютером являются обязательными.**

**https://docs.google.com/document/d/1eBzvWL3i3aA9UKHbrh4wkflwDxg-LITz/edit?usp=sharing&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true**

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

- ✓ Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;
- ✓ Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;
- ✓ Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;
- ✓ Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.
- ✓ Крайний срок подачи документов до 1 августа 2022 г., 15:00 по местному времени.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан, ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе (офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ). E-Mail: jobs.info@ecdp.tj. Phone: (+992) 37 221-06-91.

Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи пакетов заявок. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪЛОН!

**Бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ноҳияи Варзоб 12 августи соли 2022 музоядаи №3-ро оид ба фурӯши воситаи асосӣ – моликияти ғайриманқули ҷамоати деҳоти Лучоб баргузор менамояд**

Ба музояда бинои минтақаи истироҳатии ҷамоати деҳоти Лучоб, ки бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Лучоб, деҳаи Лучоб воқеъ буда, дорои масоҳати умумии 0,10 гектар қитъаи замин бо масоҳати умумии бино ва иншооташ 140,7 $м^2$ мебошад, бо нархи ибтидоии 147285 (яксаду чилу ҳафт ҳазору дусаду ҳаштоду панҷ) сомонӣ гузошта мешавад.

Музояда соати $10^{00}$ дар бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб баргузор мегардад.

Мӯҳлати охирини қабули ҳуҷҷатҳо дар бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб, ҳуҷраи кории бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ноҳия барои иштирок дар музояда **соати $9^{00}$-и 12 августи соли 2022** ба охир мерасад.

Барои иштирок дар музояда иштирокчӣ бояд нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти кафолатӣ 350 (сесаду панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳоро (як нишондиҳанда баробар аст ба 64 сомонӣ) пешниҳод намояд. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

**Телефонҳо барои маълумот:** 8-3153-52-11-18; 888-08-15-61; E-mail.bshohin-87@mail.ru

# ЭЪЛОН!

## ҶСП «Кафолатбонк» амволи зеринро ба фурӯш мебарорад

| т/р | Суроғаи амвол | Навъи бино | Масоҳати бино ($м^2$) | Масоҳати қитъаи замин ($м^2$ ва га) | Маблағи арзиш (бо сомонӣ ва доллари ИМА) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Ҳисор, кӯчаи С. Раҷабов 6 | бино ва воситаҳои асосии Корхонаи истеҳсоли риштаҳои гуногуни ҶДММ «Файзи Истиқлол 2011» | 10137,6 $м^2$ | 20900 | 120 000 000 |
| 2 | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 22 «а» | бинои меҳмонхона | 997,1 $м^2$ | 2347 | 16 000 000 |
| 3 | шаҳри Душанбе,ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фучик 88 | бинои ҶСК «Ширкати сохтмонии Рӯдакӣ» | 454,4 $м^2$ | 1362,7 | 5 000 000 |
| 4 | ноҳияи Фархор, деҳаи Кокул | бинои ҶСК «Агрофермаи Кокул» | 162,36 $м^2$ | | 359 500 |
| 5 | ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Ватан, кӯчаи Сафармад | бинои хоҷагии деҳқонии «Шаҳртеппа» | 1276,0 $м^2$ | | 610 008 |
| 6 | ноҳияи Восеъ, хоҷагии А. Сино, маҳаллаи Пушиёни поён | манзили истиқоматӣ | 447,6 $м^2$ | 2424 | 141 088 |
| 7 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | манзили истиқоматӣ | 156,0 $м^2$ | 1150 | 585 000 |
| 8 | шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Абӯалӣ ибни Сино 4 | базаи истеҳсолӣ | 3155,7 | 27000 | 8 000 000 |
| 9 | шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино кӯчаи Лучоб, хонаи 71 | манзили истиқоматӣ | 213,4 $м^2$ | 1510 | 470 000 |
| 10 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Зайнабобод, деҳаи Садоқат | манзили истиқоматӣ | 488,2 $м^2$ | 1300 | 3 241 392 |
| 11 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳлавӣ, хонаи 67/20 | манзили истиқоматӣ | 845,5 $м^2$ | 217 | 3 096 683 |
| 12 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон М-3, бинои 2, ҳуҷраи 16 | манзили истиқоматӣ | 76,1 $м^2$ | | 460 000 |
| 13 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 1, ҳуҷраи 3 | манзили истиқоматӣ | 206 $м^2$ | 790 | 1 200 000 |
| 14 | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Варзоб - қалъа, деҳаи Шафтимиҷгон | манзили истиқоматӣ | 293,1 $м^2$ | 400 | 900 000 |
| 15 | шаҳри Турсунзода, ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Бештеппа | манзили истиқоматӣ | 49,0 $м^2$ | 1200 | 240 000 |
| 16 | ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Бӯстонқалъа, деҳаи Орзу | манзили истиқоматӣ | 818,0 $м^2$ | 1500 | 1 230 405 |
| 17 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Пирагов, бинои 17«а», ҳуҷраи 2 | манзили истиқоматӣ | 54,7 $м^2$ | 127,7 | 200 000 |
| 18 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман, бинои 13, утоқҳои 3 - 4 | манзили истиқоматӣ | 152,3 $м^2$ | 390 | 100 000 |
| 19 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Шукуфон, хонаи 17 | манзили истиқоматӣ | 108,1$м^2$ | 700 | 1 304 353 |
| 20 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навобод, хонаи 53 | манзили истиқоматӣ | 423,0 $м^2$ | 1590 | 3 508 350 |
| 21 | шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Чайковский, хонаи 16 | манзили истиқоматӣ | 253, 3 $м^2$ | 375 | 577 000 |
| 22 | ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Ҷангалак | манзили истиқоматӣ | 136,5 $м^2$ | 642 | 508 000 |
| 23 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | манзили истиқоматӣ | 90,6 $м^2$ | 341,5 | 250 000 |
| 24 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Испечак | манзили истиқоматӣ | 256,1 $м^2$ | 0,16 га | 120 000 доллари ИМА |
| 25 | шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ, бинои 8, утоқи 30 | манзили истиқоматӣ | 66,5 $м^2$ | | 400 000 |
| 26 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳи боло, бинои 190, утоқи 28 | манзили истиқоматӣ | 88,0 $м^2$ | | 700 000 |
| 27 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 44, утоқи 73 | манзили истиқоматӣ | 110,4 $м^2$ | | 900 000 |
| 28 | шаҳри Душанбе, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон | манзили истиқоматӣ | 470,4 $м^2$ | 1529,6 | 1 000 000 |
| 29 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 405,7 $м^2$ | 119,3 | 1 000 000 |
| 30 | шаҳри Душанбе, аз 3/1 ҳиссаи тахти литери 2А1/ХП, кӯчаи Ломоносов, хонаи 54/7 | манзили истиқоматӣ | 268,6 $м^2$ | 525 | 600 000 |
| 31 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | мағоза | 216,9 $м^2$ | 2880 | 250 000 |
| 32 | ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-дара | манзили истиқоматӣ | 712,9 $м^2$ | 0,14 га | 550 000 |
| 33 | шаҳри Душанбе, кӯчаи Зоя Космодемянская, хонаи 50/1 | манзили истиқоматӣ | 283,0$м^2$ | 332,1 | 500 000 |
| 34 | шаҳри Душанбе, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор | базаи истеҳсоли тухми кирмак | 614,6 $м^2$ | 0, 29 га | 600 000 |

# ЭЪЛОН!

Барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» хабар медиҳад, ки пардохти уҳдадориҳои барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» дар асоси талаботи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва Феҳристи тасдиқгардида нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Бинобар ин, қарздеҳони барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк» - ро зарур аст, ки барои гирифтани маблағҳои худ ба ҶСП «Кафолатбонк» бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо 4/1** муроҷиат намоянд.

# МУКОФОТ ИНТИЗОР!

Шиносномаи шаҳрвандии шаҳрванди Ӯзбекистон Турсунова Гулнора Мусулмоновна гум шудааст.

Шахсоне, ки онро ёфта баргардонанд, мукофот интизор аст! **Телефон барои тамос:** 939-02-23-02.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

**✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т- АТУ № 0225932-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2009 ба Наноков Ҳаким Эроншоевич додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 1070415-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе соли 2022 ба Малакбозова Инора Малакбозовна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти № 0247926 бо РЯМ 6030119554-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2016 ба Сарматов Салим Мардонович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи техникии № 8759-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 2018 ва шартномаи ҳадяи ҳиссаи хонаи истиқоматии литери 2А/1хп аз 8 июни соли 2015-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Борбад, хонаи № 9/1 ба Шарипов Қиёмидин Юсуфович додааст, эътибор надоранд.**

**✓ Шиносномаи техникии №7748 аз 26 марти соли 1997, шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи № 6Д 71788, дафтари ҳавлидорӣ, шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда бо суроғаи кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/9, ҳуҷраи 12, мутааллиқ ба Раджабов Рустамджон Муллоджонович, эътибор надоранд.**

**✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0025697 таҳти қайди 12366-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмумин Раҳимов соли 2011 ба Махмадназаров Олимджон Назарович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Замима ба дипломи силсилаи ВСВ № 1976768 таҳти қайди 1197-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон 1 июли соли 2005 ба Рахматов Амирджон Хайдарович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи техникии №137-и гумшуда, ки онро КФБТ «БММҒ»-и ноҳияи Варзоб 3 августи соли 2006 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-қалъа, деҳаи Зоғар ба Ҷураева Манзура Тоирҷоновна додааст, эътибор надорад.**

**✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0392637-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2017 ба Норкулов Фазлиддин Мансурович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Шиносномаи техникии № 833-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Тельман 183-2 ба Заводи хишт додааст, эътибор надорад.**

**✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ бо РЯМ 6030104401, РМА 605637233-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2015 ба Исломов Шавкат Мирзоевич додааст, эътибор надорад.**

**✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0230081271, РМА 135671117-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳия И. Сомонии шаҳри Душанбе ба Мардонов Биҳишти Абдусаторович додааст, эътибор надорад.**

**✓ Дафтарчаи меҳнатии силсилаи ШО-1 № 0111480-и гумшуда, ки онро Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи К. Ахмедов» ба Умаров Фирдавс Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.**

**✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ бо РЯМ 0330064671-и гумшуда, ки онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 ба Ҳусайнов Муҳамад Қаландарович додааст, эътибор надорад.**

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

**✓ Каримов Абдурасул Рауфович, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ бо РЯМ 0930078930 буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 20 июни соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.**

**Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.**

**✓ ҶДММ «Релеф», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0275434, РЯМ 0910008715, РМА 090014627 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ буда, онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.**

**Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.**

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 20 июли соли 2022, соати 18:10 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха

Навбатдори шумора А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров